# Тақриз

**ба диссертатсия ва фишурдаи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Ҳар як таҳаввуле, ки имрӯз дар ҷомеа ба вукуъ меояд, ба забон ва фарҳанги он таъсири худро мерасонад ва маҳз тавассути забон дар дигар соҳаҳо роҳ меёбад. Омӯзишу таҳлили низоми истилоҳоти ҳар як соҳаи мушаххас имкон медиҳад, ки рушду инкишофи таҳавуллотии истилоҳ ва мафҳумҳои меҳварии он муайян гардида, роҳу воситаи ташаккули истилоҳоти нав дар соҳаҳои мухталиф ошкор карда шаванд. Ҳамзамон, таҳлилу муқоисаи низоми истилоҳоти мутахассисонро водор месозад, ки хусусиятҳои маъноӣ, луғавӣ ва сохтории истилоҳоти забони бегонаро бо забони хеш пажуҳиш намуда, шакли дурусти корбурду истеъмоли онро ба дастандаркорони соҳа пешниҳод кунанд. Яке аз он соҳаҳои, ки то ба имрӯз дар шинохту корбурди он муаммоҳои зиёде мавҷуд аст, забоншиносӣ маҳсуб ёфта дарёфти хусусиятҳои типологии он як кори муфиде ба шумор меравад.

Маҳз барои ҳамин зарурат пеш омадааст, ки истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди таҳлили муқоисавии луғавӣ-грамматикӣ қарор дода шавад, ки ин ҳама ба мубрамияти кори диссертатсионии Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» далолат менамояд.

**Мақсади пажуҳиши** мазкур, пеш аз ҳама, муқоисаи сохториву маъноӣ ва луғавиии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои муқоисашаванда, яъне тоҷикӣ ва олмонӣ ва ошкор сохтани хусусиятҳои фарқкунанда, монандӣ ва умумии ин анвои истилоҳот маҳсуб меёбад.

**Аҳаммияти назарияву амалии** диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки маводи рисола метавонад барои хондани курсҳои «Луғатшиносӣ» ва «Луғатнигорӣ», дар навишти корҳои курсӣ ва дипломӣ ва дар мураттаб намудани вожаномаву луғатҳои соҳавӣ ба сифати сарчашма истифода шавад.

Диссертатсия аз рӯйи мазмуну муҳтаво, мундариҷа ба ихтисоси 10 02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар **боби якуми диссертатсия** «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», ки аз чор фасл иборат аст, сухан дар бораи гурӯҳбандии истилоҳоти овошиносӣ меравад. Маҳз дар ҳамин боб, ҳар як истилоҳи овошиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ аз нигоҳи шаклу сохтор ба якҷузъаву бисёрҷузъа дастабандӣ мешаванд.

**Боби дуюми диссертатсия** ба таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шуда, муаллиф хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти сарфи забонҳои муқоисашавандаро баррасӣ кардааст.

Дар **боби сеюм** хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти мансуби наҳви забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ таҳлилу баррасӣ мегарданд. Мавҷуд будани

падидаҳои сермаъноӣ, ҳамгунӣ, муродифот ва мутазод дар низоми истилоҳоти наҳв низ дар боби мазкур таҳлил мешаванд.

Яке аз бартариятҳои рисолаи мазкур дар он аст, ҳамаи истилоҳоти таҳлилгардида дар шакли замима дар охири диссертатсия оварда шудааст, ки ин шеваи таҳқиқ дар бештари таҳқиқотҳои баанҷомрасида дида намешавад.

Дар **хулосаи диссертатсия** натиҷаи кор ҷамъбаст гардида, нақшаи корҳои минбаъдаи муаллиф муайян гардидаанд.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба эътибор гирифтани баъзе эродҳое, ки дар зер оварда мешаванд, барои беҳтар намудани сифати илмию амалии диссертатсия мусоидат хоҳанд кард:

1. Муаллиф дар боби аввали рисола иқтибосоти зиёдеро овардааст. Хуб мешуд, миқдори онҳоро камтар намуда, назари танқидии худро роҷеъ ба фикру андешаҳои онҳо баён мекард.
2. Дар бархе аз саҳифаҳои рисола (24, 55, 86….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Бояд ишора намуд, ки камбудиҳои қайдшуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсири манфӣ нахоҳад расонид, зеро он дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, масъалаҳои дар он ҷойдошта пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
и.в., дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гулямов Ҳайдар Қаландарович

Имзои Ҳ.Қ. Гулямовро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Файзуллоҳуҷа Азизович

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«02» феврали соли 2024